**ТАҚРИЗИ**

роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Дадобоева Муслима Бахтиёровна дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

Муҳимияти мавзӯи интихобнамудаи Дадобоева Муслима Бахтиёровна бо он муайян карда мешавад, ки дар замони муосир таваҷҷуҳ ба масъалаи фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон тасодуфӣ нест. Таълими биология дар мактаб бояд бо маърифати хонандагон ва фаъолияти онхо оид ба ҳифзи табиат зич алоқаманд бошад. Барои омӯзонидани қадр кардани табиат, фаҳмидан ва эҳтиёт намудани боигариҳои табиат, ғамхорӣ ба растаниҳо ва ҳайвонот донишҳо кифоя нестанд. Маҳорату малакаҳое заруранд, ки мактаббачагон дар раванди фаъолият оид ба ҳифзи табиат аз худ карда метавонанд.

Вобаста ба ин, тадқиқоти диссертатсионии Дадобоева М.Б. дар шароити навсозии таҳсилот дар ҷумҳурии мо, бешубҳа, хеле зарур ва мубрам махсуб меёбад. Муаммои фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон ҳангоми таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ дар педагогика ва методикаи муосири биология яке аз муаммомҳои калидӣ мебошад. Моҳияти фаъолгардонии раванди маърифатии хонандагон ҳангоми таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ аз баландбардории *фаъолияти тадрисии омӯзгор* иборат аст. Аввал ӯ бояд воситаҳои методии самарабахши ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонандагонро ҷустуҷӯ ва истифода намояд. Баландбардории фаъолияти худи хонандагон тариқи худсозмондиҳӣ ва худназорат, инкишофи мабдаи эҷодӣ дар он амалӣ мегардад.

Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда муаллифи диссертатсия ба чунин навгониҳои илмии таҳқиқот ноил гаштааст:

- мафҳумҳои «фаъолияти маърифатӣ», «фаъолнокии раванди маърифатӣ» дақиқ гардида, аз ҷиҳати мундариҷа пурра гардидааст;

- амсилаи фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ коркард шудааст;

- гурӯҳҳои асосии тарзу воситаҳои фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ муқаррар гардидаанд;

- шартҳои педагогие асоснок шудаанд, ки ба фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ мусоидат мекунанд;

- имконияти педагогӣ ва меъёрҳое муқаррар шудаанд, ки ба самаранокии амсилаи пешниҳодшудаи фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ мусоидат мекунанд.

Тадқиқоти гузаронидаи диссертант Дадобоева М.Б. дар амалияи фаъолияти педагогӣ ба аҳамияти калон соҳиб аст. Аз ҷумла, аҳамияти амалии таҳқиқот дар нуктаҳои зерин инъикос ёфтаанд:

- амсилаи фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ коркард ва ҷорӣ гардидааст;

- таъсири технологияҳои педагогӣ ба фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ аз санҷиш гузаронида шуд;

- тавсияҳои методӣ оид ба фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ мураттаб гардида, интишор ёфтаанд;

- анкета ва тестҳое таҳия ва санҷида шуданд, ки барои баҳодиҳии сатҳи фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон дар раванди таълими фанҳои биологӣ бо воситаҳои дидгоҳи аксиологӣ имкон медиҳанд.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот бо методологияи илмӣ, низоми методҳо ва методикаҳо, ки ҳамдигарро пурра мекунанд, бо мувофиқати интихоб ба тавсифҳо, санҷидани методикаҳои озмоишӣ дар амалияи кори мактаб, коркарди математикии маълумоти эмпирӣ таъмин гардидааст.

Ҳамчун роҳбари илмӣ мехостам андар шахсияти муҳаққиқ чанд сухан гуфта бошам. Пеш аз ҳама, мехостам қайд намоям, ки Дадобоева М.Б. собиқаи 9-солаи педагогӣ дошта, ба ҳайси омӯзгори фанни биологияи МТМУ-ро фаъолият бурда, наздик 4 сол мешавад, ки дар ҳайси муаллимаи кафедраи ботаника ва физиологияи растаниҳои факултети биология ва химияи МДТ "ДДХ ба номи акад.Б.Ғафуров" кору фаъолият менамояд. Маҳз дар ҳамин давра назди худ вазифа гузоштааст, ки дар мавзӯи мазкур тадқиқоти хешро ба роҳ монад ва чун унвонҷӯи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи донишгоҳ фаъолият намуда, ба таҳқиқи рисолаи номзадӣ машғул мебошад.

Дар давраи фаъолияти унвонҷӯӣ Дадобоева М.Б. беҳтарин хусусиятҳои тадқиқотчиро зоҳир намуда, имтиҳонҳои номзадиашро бомуваффақият супоридааст. Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-методии нашршудаи муаллиф мундариҷаи асосии рисолаи илмиро инъикос мекунанд.

Матлабҳои асосӣ, натиҷаҳо ва хулосаҳои тадқиқот дар 9 мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла 6 мақолаҳои илмии дар нашрияҳои бонуфузи тақризии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Унвонҷӯ Дадобоева М.Б. дар конфронсҳои илмиву ҳамоишҳои байналмиллаливу ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ фаъолона ширкат варзида, бо маърӯзаҳои пурмӯҳтавои хеш баромадҳо намудааст. Дар фаъолияти илмиву ҷамъиятии факултет ва донишгоҳ фаъолона ширкат меварзад. Омӯзгори соҳибтаҷриба ва тадқиқгари фаъол ба шумор рафта, байни ҷомеаи ҳамкорон ва донишҷӯён сазовори обрӯю эътибор мебошад.

Дар давраи омодасозии рисолаи номзадӣ Дадобоева М.Б. теъдоди зиёди адабиёти илмӣ, педагогӣ ва психологиро оид ба мавзӯи таҳқиқотӣ омӯхтаву таҳлил намуда, бовиҷдонӣ, суботкорӣ, иродаи қавӣ, қобилияти баланди корӣ ва мустақилиятро нишон додааст.

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои муаллифи рисола аз мундаричаи умумии рисолаи илмӣ бармеоянд. Автореферат мундаричаи умумии рисоларо инъикос мекунад.

Диссертатсияи Дадобоева М.Б. дар мавзӯи «Асосҳои педагогии фаъолнокии раванди маърифатии хонандагон тибқи муносибати аксиологӣ дар раванди таълим (дар асоси маводи фанҳои биологӣ)», ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ мебошад ва ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва маълумот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ
ва касбии Муассисаи давлатии таълимии
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров" Шаропов Шавкат Ахмадович

06.09.2022 с.

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, к.Мавлонбеков- 1
тел.(+992)927717870. Элек. почта: Sharofzod1954@mail..ru веб. сайт: www.hgu.tj

Имзои Ш.А.Шароповро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ МДТ «ДДХ ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» Наврӯзов Э.М.